онҳоро, ин бовариашонро аз байн бибарад. Сарвари давлат борҳо бо кӯдакон вохӯрӣ гузаронидааст. Ин хуб аст. Хуб аст, ки тухми меҳру муҳаббати Сарвари давлат аз кӯдакӣ дар замирашон кишта мешавад ва бор меорад.

*(Абдулқодири Раҳим)*

## ИШҚИ ВАТАН

*Раҳмат Назрӣ*

*Эй ҷони ҷони ман, ҷонам фидои ту,*
*Эй ишқ, эй Ватан, ҷонам фидои ту.*
*Эй реши решагӣ, сӯзи ҳамешагӣ,*
*Эй меҳри бесухан, ҷонам фидои ту.*
*Тӯфони хуни ман, тугёни хуни ман,*
*Эй набзи зистан, ҷонам фидои ту.*
*Эй оташи дилам, аз обу аз гилам,*
*Сӯзон забона зан, ҷонам фидои ту.*
*Буду набуди ман, эй ишқ, эй Ватан,*
*Дар ҷанги тан ба тан ҷонам фидои ту.*
*Хокам кунӣ агар, покам кунӣ дигар,*
*Бе гӯру бе кафан, ҷонам фидои ту!*

### Савол ва супориш:

1. *Чаро бачаҳо Президентро дӯст медоранд?*
2. *Оё Президент ба мактаби Шумо ташриф овардааст?*
3. *Агар Президент ба мактабатон ояд, аз вай чӣ мехоҳед?*
4. *Дар мавзӯи «Сарвари давлати мо» иншо нависед.*
5. *Шеъри Раҳмат Назрӣ «Ишқи Ватан»-ро азёд кунед.*

## Дарсҳои 12-21

# МУҚАДДАСОТИ ДАВЛАТИЮ МИЛЛИИ МО

## Дарси 12

# МУҚАДДАСОТИ ДАВЛАТ



***Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон***




***Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон***

*6 ноябри соли 1994 бори нахуст ба тариқи раъйдиҳии умумихалқӣ қабул гардид*



***Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Тоҷикистон чун давлати мустақил соҳиби Президент, Конститутсия (Сарқонун) ва рамзҳои давлатӣ аст, ки онҳоро дар маҷмӯъ муқаддасоти давлат мегӯянд.

Муқаддас чист? Ҳар кас ва ҳар чизе, ки олӣ, азиз, пок, гиромӣ, наҷиб, беолоиш, орӣ аз ҳар гуна нуқсу камбудиҳост, албатта муқаддас аст. Муқаддасоти давлат пеш аз ҳама шаъну шараф, ифтихор, нуфуз, обрӯ ва эътибори давлат, халқу Ватан аст. Ҳар давлати соҳибистиқлол муқаддасоти худро дорад.

9 сентябри соли 1991 Тоҷикистони азизи мо ҳамчун давлати озод истиқлолияти худро эълон намуд.

Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия буда, аз ҷониби оммаи мардум ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 7 сол интихоб карда мешавад.

Вазифаҳои Президентро Конститутсияи (Сарқонуни) мамлакат ин тавр нишон додааст:

«Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад».

Агар ба моддаи 67-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон назар андозем, чунин сатрҳоро мехонем:

«Президент пеш аз шурӯи вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд мекунад:

«Ман ҳамчун Президент савганд ёд мекунам, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро ҳимоя менамоям, таъмини ҳуқуқ, озодиҳо ва шарафи шаҳрвандонро кафолат медиҳам, сарзамин, истиқлолияти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро ҳифз мекунам, ба халқ содиқона хидмат менамоям».

Рӯзи 16 ноябри соли 2006 Президент дар қасамёдкунии навбатиаш суханони зеринро илова намуд:

«Савганд ба номи поки Худо, савганд ба шири сафеди модарам, савганд ба дуои неки падарону модарон, савганд ба нону намаки дастурхони пиру ҷавон, савганд ба обу хоки муқаддаси Ватан, ки масъулияти тақдири имрӯзу ояндаи давлату миллати тоҷикро бар дӯш мегирам.

Савганд ба ҷони ҳафт миллион фарзанди Тоҷикистони азиз, ки тамоми ҳастӣ, нерӯву ғайрат ва таҷрибаву иродаамро барои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебахшам».

Савганди Президент ин савганди ҳамаи мову шумо, савганди тамоми фарзандони фарзонаи Тоҷикистон дар раҳи ободӣ ва шукуфоии диёр аст.

## Савол ва супориш

1. *Муқаддасоти давлат кадомҳоянд?*
2. *Муқаддас чист?*
3. *Тоҷикистон кай ба истиқлолияти давлатӣ соҳиб шуд?*

*4. Президент кист? Кадом ваколатҳоро дорад? Кӣ вайро интихоб мекунад?*
*5. Вазифаҳои Президент аз чӣ иборат аст?*
*6. Қасами Президентро азёд кунед ва мазмуни онро гӯед.*
*7. Кадом синонимҳои калимаи «Президент»-ро медонед?*

## Дарсҳои 13-14

# РАМЗҲОИ ДАВЛАТӢ



Рамзҳои давлатии мо муқаддасоте мебошанд, ки шаҳрвандони кишварро дар рӯҳи шарафмандӣ, ифтихори миллӣ, давлату давлатдорӣ, Ватану ватанпарастӣ тарбия менамоянд. «Муҳимтарин рамзҳои истиқлолият ва давлатдории миллӣ — Нишону Парчам ва Суруди миллӣ қабул шудаанд. Пули миллӣ ба муомилот баромад, шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид» (Э.Ш.Раҳмонов). Эҳтиром ва азизу маҳбуб донистани рамзҳои давлатӣ аз ҷониби шаҳрвандон шарт ва зарур аст.

Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ дар чорабиниҳои давлатӣ, сессияву иҷлосияҳо, қабули меҳмонони олиқадри давлатҳои хориҷа барафрохта ва суруда мешаванд.

**Парчами давлатии миллии мо** аз рангҳои сурх, сафед, сабз

иборат аст, ки (1) аз муборизаи халқи мо баҳри озодию истиқлолият, (2) бахту иқболи сафеди мардум ва (3) кӯшиши ӯ барои ободию сарсабзии кишвар гувоҳӣ медиҳад.

**Нишони давлатиамон**, ки то солҳои наздик герб мегуфтем, мудаввар буда, ду тарафашро буттаҳои шукуфони пахта ва хӯшаҳои расидаи заррини гандум оро додаанд. Гандум ва пахта аз он шаҳодат медиҳанд, ки мардуми мо асосан зироаткор буда, бештар ба парвариши гандуму пахта машғуланд. Дар қисмати поёни Нишон китоби боз, қуллаҳои кӯҳҳои сар ба фалак кашида, нурҳои заррини офтоб, тоҷ ва ситораҳо тасвир ёфтаанд.

***Китоб*** ба он далолат мекунад, ки халқи мо аз қадимулайём соҳиби илму дониш, маориф, адабиёт ва фарҳанги бой буда, худ ва фарзандонаш пайваста машғули мутолиаи китоб будаанд. Тоҷикон пайваста бо қаламу давот (сиёҳидон) ва китоб сарукор дошта, мардуми китобдору босаводанд.

Тоҷикистон дар нимкураи Шарқ ҷойгир шудааст. Шарқ худ пойгоҳи офтоб аст. Дар сарзамини маҳбуби мо офтоб нурҳои ҳароратбахши худро тамоми сол бар сари мардум мепошад. Ширинию лаззати меваю сабзавоти диёри мо ҳам аз нури офтоб аст.

Дар қисмати болои нишони давлатӣ нурҳои заррини офтоб, тоҷ ва ҳафт ситора ба шакли нимдоира акс ёфтаанд. Худи ҳамин тоҷу ситораҳоро дар мобайни Парчам, дар болои рахи сафед ҳам мебинем.

***Тоҷ*** баёнгари тоҷу тахти шоҳону пешгузаштагони халқамон аст. Дар тӯли ҳазорсолаҳо садҳо амирону шоҳон ҳукм рондаанд, ки ҳамагӣ бар сар тоҷи шоҳӣ мегузоштанд. Бузургвор Фирдавсӣ мефармоянд:

Ки пеш аз ту шоҳон фаровон буданд,
Ҳама тоҷдорони кайҳон буданд.

Адади ҳафт дар таъриху адабиёт ва фарҳанги мо ба андозае зиёд истифода шудааст, ки ҳатто корбасти он ба ҳукми анъана даромадааст. Аз қабили ҳафтдодарон, ҳафт ситора, ҳафт қабати осмон, ҳафт рӯзи ҳафта, ҳафтсин, ҳафтшин, ҳафт базми Нушервони Одил бо Бузургмеҳр, ҳафт хони Рустам, ҳафт девори заррин, ҳафт

хати Ҷоми Ҷамшед, ҳафт тани пок, ҳафт оташкада, ҳафт адади таҳрир дар «Қуръон», ҳафт шарт дар афсонаҳо, ҳафт адвори мусиқӣ, ҳафт бурҷи манора ва ғайра.

## Савол ва супориш:

1. *Рамзҳои давлатӣ кадомҳоянд ва аҳамияти онҳо дар чист?*
2. *Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ кадом вақт истифода мешаванд?*
3. *Парчами Тоҷикистон аз кадом рангҳо иборат аст ва онҳо ба чӣ далолат мекунанд?*
4. *Синонимҳои калимаи «парчам»-ро ба дафтаратон нависед.*
5. *Расми Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шарҳ диҳед.*
6. *Расмҳои буттаи пахта, хӯшаи гандум, китоби боз, қуллаҳои кӯҳҳои сарсафеди сарбаланд, нурҳои офтоб, тоҷ васитораҳо чӣ маънӣ доранд?*
7. *Аз харита нимкураи Шарқ ва мавқеи ҷойгиршавии Тоҷикистонро нишон диҳед.*




***Харитаи Тоҷикистон***

## Дарси 15

# СУРУДИ МИЛЛӢ

Суруди миллӣ (гимн) таронаи асосии давлатӣ ва умумихалқии мо аст, ки дар он тамоми орзую омоли сокинони мамлакат ифода ёфтааст. Суруди миллӣ чун қоида мутантан суруда мешавад ва мардумро ба ҳимоя ва ифтихор аз Ватан даъват менамояд. Тоҷикистони маҳбубамон баъди эълон намудани мустақилияти хеш Суруди миллии нави худро бар матни Шоири Халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ қабул намуд, ки оҳанги онро оҳангсоз Сулаймон Юдаков офаридааст. Суруди миллӣ бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 1994 қабул шудааст. Одатан ҳангоми сурудани Суруди миллӣ рост истода гӯш мекунанд, ба ин ё он тараф нигоҳ намекунанд, намеҷунбанд, гап намезананд. Ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон вазифадор аст, ки Суруди миллиро азёд намояд ва ҳангоми сурудани он ҳамроҳ шавад.

# СУРУДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ,*
*оҳанги Сулаймон Юдаков*

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем,
кашидаем,

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо,
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,

Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту,
канори ту.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ,
Бақои ту бувад бақои хонадони мо,
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо.
Зи ту саодати абад насиби мост,
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,
ҳабиби мост.
Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

## Луғат:

**арҷманд** – азиз, гиромӣ,
**бегазанд** – беосеб, безиён,
**ворисон**- соҳибони мулк,
**мазраа** – порчаи замин,
**бақо** – идома, дошт кардан,
**маром** - мақсад,
**саодат** – хушбахтӣ
**ҳабиб** - дӯст

## Савол ва супориш:

1. *Моҳияти Суруди миллӣ дар чист?*
2. *Суруди миллӣ дар кадом мавридҳо ва чӣ тавр садо медиҳад?*
3. *Суруди миллӣ моро ба чӣ даъват мекунад?*
4. *Суруди миллиро чӣ тавр гӯш мекунанд? Оё онро азёд кардан ва сурудан ҳатмӣ аст?*
5. *Муаллифони матн ва оҳанги Суруди миллии Тоҷикистон киҳоянд? Кай қабул карда шудааст?*
6. *Матни Суруди миллиро азёд кунед ва онро ифоданок хонед.*
7. *Мазмуни матни Суруди миллиро ба наср баргардонида, ба дафтаратон нависед.*

**Дарси 16**

# АСЪОРИ МИЛЛИИ МО



Азизон, пули миллии мо рамзи миллии мост. Одамон ҳар як сомониро рӯйи каф гирифта, тасаввур мекунанд, ки китоберо дар даст доранд: пур аз маънӣ ва маърифат.

Яке аз муқаддасоти мо ин асъори (пули) миллиамон мебошад. Бори нахуст дар таърихи давлатдории тоҷикон аз моҳи майи соли 1995 асъори миллӣ ба муомилот бароварда шуда, он «сомонӣ» номида шуд. Пули майдаи онро «дирам» мегӯянд. Асъори миллӣ ин рамзи давлатдории мо мебошад. Дар рӯйи пули Тоҷикистон расмҳои Мирзо Турсунзода, Садриддин Айнӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ибни Сино, Бобоҷон Ғафуров ва Исмоили Сомонӣ барин алломаҳои илму фарҳанги тоҷик тасвир шудаанд, ки боиси ифтихори халқи тоҷиканд. Мо фахр мекунем, ки дар муомилот аз асъори миллии худ — «сомонӣ» истифода мебарем.

Бачаҳои азиз! Ба рӯйи асъори миллӣ, ки аз ҷумлаи муқаддасоти мо аст, хат кашидан ва навиштан мумкин нест. Дар тӯю маъракаҳо ба сари раққосаҳо пул пошидан ва асъори миллиро зери по кардан камоли нодонист. Беэҳтиромӣ нисбат ба асъори миллӣ ин беҳурматӣ ба халқу Давлати Тоҷикистон аст.

Бачаҳои азиз! Софдилона меҳнат кардан ва ба ивази он дастмузд гирифтан яке аз нишонаҳои риояи қонуният ва заҳмати садоқатмандона ба манфиати Ватан аст. Бинобар ин кӯшиш намоед, ки бо кору амали хеш нон ёфта хӯред ва ҳаргиз дар фикри луқмаи муфт нашавед.

### Савол ва супориш:

1. *Асъори миллии мо аз кай ба муомилот баромад?*
2. *Асъори (пули) Тоҷикистон чӣ ном дорад?*
3. *Дар рӯйи пулҳои тоҷикӣ расми кадом донишмандони тоҷик акс ёфтааст?*
4. *Аҳамияти ба муомилот баровардани асъори миллӣ дар чист?*
5. *Синонимҳои калимаи «пул»-ро гӯед.*
6. *Дар қисмати қафои 10-сомонӣ шеъре сабт шудааст. Онро ба дафтаратон навишта, азёд кунед ва муаллифашро гӯед.*

**Дарси 17**

## ТОҶ ВА ТОҶИК



Парвардигори ҳаждаҳ ҳазори олам пардаи қабати осмони ҳафтумро бишкофт ва ба замин нигарист. Сарзамини беканоре дид: биҳиштосову мардумоне ҳурлиқо, заминрону ғаллакор, ромгару боғпарвар, некгуфтору неккирдору некпиндор, ростоину ростқавлу босидқу вафою накӯкор, меҳмондору меҳмоннавоз, нарму ҳалиму меҳрубон, илмпарвару фарҳангдӯсту ҳунарманд, бунёдкору хушбину хушбовар. Гуфт: инҳоянд бандагони ман — парастандагони замину оростагони ботин ва зоҳири худ, инҳоянд сазовори тоҷи каёнӣ. Фариштагонро бифармуд, то тоҷе бисозанд аз тилло, нурпош бошад чун Офтоб. Он тоҷро бар сари аввалин шоҳи мардумони нексиришт, ки худро ориёӣ меномиданд, ниҳоданд. Аз ҳамон вақт Ҷамшед лақаби Хшатро — ҳукмрони тоҷи нурдор, рӯшноидор, фурӯғдорро қабул кард. Албатта, қисме аз ин гуфтаҳо ривояте беш нестанд, аммо ривояте, ки асоси заминӣ дорад. Тоҷ хоҳ аз осмон омада бошаду хоҳ дар заминаш сохта бошанд, мансуби тоҷикон аст. Ба андешаи мо, шояд бо мурури замон мақом ва нуфузи тоҷу тоҷгузорӣ афзуда ва дар бисёр чизҳо пайдо шудан мегирад.

Луғати ориёӣ ҳам ба тоҷу тоҷдорон мубаддал мегардад, ки решаи калимаи «тоҷик»-ро ташкил медиҳад. Дар ибтидо ориёӣ, ориён, ориёнҳо, баъдтар тоҷ, тоҷик, тоҷикон. Ин ду калима — ориёӣ ва тоҷик ҳаммаъно буда, номи умумии ҳамон як халқ — ориёӣ (тоҷик) аст, ки бо мурури замон ба шохаҳои гуногун тақсим мешавад. Он тавре ки тоҷ муқаддас аст ва аз зари хос — тилло ва нуқра сохта мешавад, маънои калимаи ориёӣ ҳам хос, пок, наҷиб, ҷаноб, асилзода, озода, меҳмондору меҳмоннавоз мебошад. Ҳамаи калимаҳое, ки дар забони мо аз решаи «тоҷ»-и тоҷикию пайвандҳо ё решаҳои худию калимаҳои дигар (масалан, арабӣ) сохта шудаанд (сохта ё мураккаб), арҷманд, зебо ва дилписанд мебошанд: тоҷик, Тоҷикистон, тоҷвар, тоҷдор, хуштоҷ, соҳибтоҷ, тоҷгул, Тоҷмаҳал, Тоҷиддин, Тоҷинисо... Ҳамчунин калимаҳои зиёде дар забони модарии мо пурмаъно, равон ва хушбаёнанд, ки бо ҳарфҳои калимаи «тоҷик» оғоз меёбанд.

**Т**-тоҷик, Тоҷикистон, Тоҷикобод, тоҷикшинос...
**О**-Ориф, оқил, офтоб, об, обрӯ, омӯзгор, оғӯш...
**Ҷ**-ҷаноб, ҷавон, ҷамол, ҷомеа, ҷаҳон, ҷустуҷӯ...
**И**-имон, ибрат, ибтидо, инсон, инсоф, идона...
**К**-кабир, кабк, кабӯтар, китоб, комил, кулоҳ, кӯҳ...

*(М.Лутфуллоев)*

## Савол ва супориш:

1. *Ҳар як сифати одамони сазовори тоҷи каёниро шарҳ диҳед.*
2. *Тоҷи тиллоиро ба сари кӣ ниҳоданд ва чаро ба ӯ лақаби Хшатро доданд?*
3. *Маънои ориёӣ чист?*
4. *Калимаҳои аз решаи «тоҷ» пайдошударо номбар кунед.*
5. *Ҳаштогӣ калимае номбар кунед, ки бо ҳарфҳои т,о,ҷ,и,к огоз ёбанд.*
6. *Ҳарфҳои дар китобатон навиштаи т,о,ҷ,и,к-ро аз боло ба поён хонед.*

**Дарси 18**

# ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон матои росткунҷаест, ки дар рӯйи он се рахи рангаи ба таври уфуқӣ ҷойгирифта кашида шудааст: рахи боло ранги сурх дошта, паҳнои он ба рахи сабзи поён баробар мебошад: рахи сафеди мобайнӣ якуним баробари паҳнои яке аз рахҳои ранга аст. Дар рӯйи рахи сафед аз ҷои чӯбдаста дар мобайни Парчам бо зарҳал рамзи тоҷ ва дар болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудааст. Таносуби бару дарозии умумии парчам 1:2 аст.

Тоҷ ва ситораҳои Парчам дар шакли росткунҷае ҷой дода шудааст, ки паҳлӯи амудиаш 0,8 ва паҳлӯи уфуқиаш 1,0-и паҳнои рахи сафед аст. Ситораҳои панҷгӯша дар доираи қутраш 0,15 акс ёфта, дар нимдоираи радиусаш 0,5-и паҳнои рахи сафед ҷой мегирад.

Тоҷи баландиаш 0,55-и паҳнои рахи сафед ба асос ба таври нимдоираи радиусаш 1,2-и бари рахи сафед моил мегардад. Чор унсури камоншакл, ки болои тоҷро ташкил медиҳанд, дар марказ бо қисмати доираи қутраш 0,2-и рахи сафед васл мегарданд.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойҳои зайл афрохта мешавад:

-дар болои қароргоҳи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалҳо (ҳукуматҳо), мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо) — доимӣ;

-дар болои биное, ки иҷлосияҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё иҷлосияҳои Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Маҷлисҳои вакилони халқи вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо гузаронида мешаванд – дар тамоми давраи гузаронидани иҷлосияҳо, маҷлисҳои намояндагон (ҷамоат) — дар тамоми даври маҷлис;

-дар болои биноҳои вазоратҳо, кумитаю идораҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон — корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, иттиҳодияю ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дар болои биноҳои истиқоматӣ –дар рӯзҳои ид ва рӯзҳои хотиравие, ки қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст;

Ашхосе, ки ба таҳқири Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳкоранд, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд.

## Савол ва супориш:

1. *Парчам рамзи чист?*
2. *Чаро мо Парчами давлатӣ дорем?*
3. *Парчами Тоҷикистон аз чанд ранг иборат аст?*
4. *Тоҷ ва ситораҳои Парчам рамзи чист?*
5. *Парчами давлатии Тоҷикистон дар кадом мавридҳо ва дар куҷоҳо барафрохта мешавад?*
6. *Оё таҳқири Парчам ҷиноят ҳаст ё не?*
7. *Дар дарси расмкашӣ расми Парчами Тоҷикистонро кашед.*

Дарси 19

# НИШОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст аз тасвири тоҷи тансиқшуда ва нимдоира аз ҳафт ситорае, ки бо нурҳои офтоби аз паси кӯҳҳои барфпӯш тулӯъкунанда рӯйи он ҷой гирифтааст ва бо чанбаре оро ёфтааст, ки атрофашро аз тарафи рост хӯшаҳои гандум ва аз тарафи чап шохаҳои пахтаи шукуфон иҳота кардаанд. Болои чанбар бо тасмаи сераха печонида шуда, дар қисми поён рӯи курсӣ китоби боз ҷой гирифтааст.

Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ранга буда, тоҷ, офтоб, кӯҳҳо, хӯшаҳои гандум, пахта, рахҳои тасмаҳо сурх, сафед ва сабз буда, муқоваи китоб сурх мешавад.

Тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷойҳои зайл гузошта мешавад:

-дар болои биноҳои қароргоҳи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар болои биноҳои Маҷлиси намояндагони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалҳо (ҳукуматҳо), мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо), судҳо, мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар болои биноҳои намояндагии дипломатию консулӣ ва муассисаҳои тиҷоратии дар хориҷа будаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-дар толорҳои маҷлисҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлисҳои

вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (ҳукуматҳо), шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо, маҷлисҳои мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо), инчунин ҳуҷраҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони вилоятҳо, шаҳри Душанбе, ноҳияҳо ва дар толорҳои ҷаласаҳои судии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар биноҳои мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва биноҳои бақайдгирии тантанавии таваллуд ва ақди никоҳ;

-дар мӯҳру бланкаҳои ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; маҷлисҳои намояндагони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо, ноҳияҳо, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳалҳо (ҳукуматҳо), мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо), судҳо ва мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораҳои давлатии нотариалӣ, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, ки бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ҳуқуқи дар мӯҳру бланкаҳои ҳуҷҷатҳо ҷой додани тасвири Нишон дода шудааст.

Ашхосе, ки дар таҳқир кардани Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳкоранд, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## Савол ва супориш:

1. *Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзи чист?*
2. *Нишон аз чӣ иборат аст ва тоҷ, нимдоираи дорои ҳафт ситора, нурҳои офтоби аз паси кӯҳҳои барфпӯш тулӯъкунанда, хӯшаҳои гандум ва шохаҳои пахтаи шукуфон рамзи чӣ мебошанд?*
3. *Нишони давлатӣ дар куҷоҳо гузошта мешавад?*
4. *Чаро таҳқири нишони давлатиро ҷиноят меҳисобанд?*

**Дарсҳои 20-21**

# РАМЗҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН

Ливо ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рамзҳои расмии ҳокимияти президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.



**Ливои** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон матои махмалини хоси росткунҷаест, ки аз се рахи уфуқии ҳамранги Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Паҳноии рахҳои сурху сабзи болою поён ба ҳам баробар буда, паҳноии рахи сафед якуним баробари яке аз рахҳои рангаро ташкил медиҳад.

Даври Ливо бо ресмони зарҳалин дастдӯзӣ ва бо шилшилаҳо ороиш ёфтааст. Дар маркази Ливо тасвири «Дирафши Ковиён» омадааст, ки он нишони хос ва босуботи давлатдории миллӣ аз даврони қадим аст.

Дар қисми болоии «Дирафши Ковиён» найза тасвир ёфтааст, ки рамзи ирода ва қудрати ҳифзи давлат мебошад.

Қисмати чаҳоргонаи «Дирафши Ковиён» чаҳор тарафи ҷаҳонро таҷассум мекунад, ки рамзи равобити нек, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ҳама кишварҳо ва халқҳо аст.

Дар дохили «Дирафши Ковиён» чаҳор шохаи марғула дар даври Хуршед ҳамчун рамзи ҳамеша дар ҳаракат будани вақту замон, даври замин ва аносири коинот дар атрофи Хуршед инъикос ёфта, баёнгари бахт, ваҳдат, саодат ва пешрафти кишвар мебошанд.

Дар маркази «Дирафши Ковиён» Шери болдор ҳамчун рамзи қудрат, нерӯмандӣ ва шукӯҳи давлат дар замину осмон тасвир ёфтааст.

Дар болои тасвири Шери болдор Тоҷ ва ҳафт ситора ҳамчун асоси Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

«Дирафши Ковиён» бо ресмонҳои ранги зарҳалӣ дар ҳар ду ҷониби Либо дастдӯзӣ гаштааст.

Дар қисмати болоии чӯбдасти Ливо лавҳаи заррин васл шудааст, ки дар он номи хонаводагӣ, номи падар ва номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зикри мӯҳлати салоҳияти конститутсионии ӯ ҳаккокӣ мегардад.

Нӯги чубдасти Ливо шакли гунбази зарринро дорад.



**Нишони** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шакли хос ва такмилии ордени «Ситораи Президенти Тоҷикистон дараҷаи як» ва шаддаи хоси овеза таҳия гардидааст.

Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз се қисми таркибӣ — ордени «Ситораи Президенти Тоҷикистон дараҷаи як», шери болдор ва шаддаи заррин иборат мебошад.

Дар меҳвари Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ситораи ҳафтгӯшаи сурх ҷойгир аст, ки аз ёқути сурх сохта шуда, баёнгари мубориза баҳри озодӣ, истиқлол, адолат ва пешрафт аст.

Қобили тазаккур аст, ки ёқути сурх аз ҷумлаи сангҳои қиматбаҳо буда, беҳтарин намунаҳои он дар Тоҷикистон мавҷуд аст. Умуман ёқут, зумуррад, лаъл, тилло ва ҳама сангу металлҳои қиматбаҳои дар нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашуда маҳсули табиати биҳиштосои Тоҷикистонанд.

Дар ҳалқаи давродаври заррини нишон ибораи «Ситораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тилло ҳаккокӣ шудааст.

Дар дохили доираи ситораи ҳафтгӯша Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тилло тасвир ёфтааст.

Ситораи ҳафтгӯша бо нурҳои хос аз тиллои сафед оро ёфтааст, ки онро шукӯҳу зиннат бахшида, рамзи покию озодагии рӯҳ ва сират мебошад.

Ҳар хати тӯлонии нур (маҷмӯан: 7 хат) бо се лаъли халқагин, хатҳои миёна (маҷмӯан: 14 хат) бо ду лаъли ҳалқагин ва хатҳои хурди нур (маҷмӯан: 14 хат) бо лаъл оро ёфтаанд.

Ба ҳар гӯшаи Ситора лавҳаи мураббаи заррин (маҷмӯан: 7-то) васл гардидааст, ки дар қисмати болоии он санги зумуррад дар шакли мураббаъ ҷойгир аст.

Ордени такмилёфтаи «Ситораи Президенти Тоҷикистон дараҷаи як» бо нишони ҳалқавии шери болдори дар ҳоли ҳаракати доимӣ буда васл гаштааст. Шери болдор аз даврони қадим рамзи қудрат, шукӯҳ ва азамати давлат шинохтаю эътироф шудааст. Нишони ҳалқавии шери болдор аз ду ҷониб бо лавҳаҳои хоси заррин ва шаддаи заррин пайваст аст.

Тасвири ин лавҳаҳо ифодаи лавҳаи суннатии қудрат мебошанд.

Шаддаи заррин 13 ҳалқаи зарринро дар таносуби муайян ва паиҳам пайванд намудааст.

Дар 6 ҳалқаи заррин тасвири шери болдор ва дар 7 ҳалқаи заррини дигар дар заминаи ранги осмонӣ тасвири заррини Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Қобили таъкид аст, ки Ливо ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз як Президент ба Президенти дигар расман супурда ва ба таври хосса нигоҳдорӣ мешаванд.

## Луғат:

**аносир** – унсурҳо, ҷузъ, қисм,
**ливо** - байрақ,
**қудрат** - тавоноӣ, нерӯмандӣ,
**таносуб** - баробарӣ.

## Савол ва супориш:

1.Ливо ва Нишони Президент чӣ гунаанд?
2.Ливои Президент аз Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ фарқ дорад?
3.Тасвири «Дирафши Ковиён» дар маркази Ливо рамзи чист?
4.Тасвири найза дар қисмати болоии «Дирафши Ковиён» ифодагари чист?
5. Чаҳор шохаи маргула дар дохили «Дирафши Ковиён» чиро мефаҳмонад?
6.Чаро дар маркази «Дирафши Ковиён» Шери болдор тасвир шудааст?
7.Дар куҷои Ливо номи хонаводагӣ, номи падар, номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мӯҳлати салоҳияти конститутсионии ӯ ҳаккокӣ шудааст?
8.Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кадом қисматҳо фароҳам омадааст?
9.Дар меҳвари Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудани ситораи ҳафтгӯшаи аз ёқути сурх сохташуда рамзи чист?
10.Ливо ва Нишони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дасти кӣ нигоҳ дошта мешавад?

## Дарсҳои 22-25

# ЗАБОН — ҲАСТИИ МИЛЛАТ

## Дарси 22

## ЗАБОНИ МО — ҶАҲОНИ МО

Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст (Аз моддаи 2, Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ забони миллат аст. Бинобар ин яке аз нишонаҳои асосии миллати тоҷик забони тоҷикӣ мебошад ва маҳз забони тоҷикӣ аст, ки боиси мавҷудияту бақои миллати тоҷик гардидааст.

Забони тоҷикӣ омили муҳими муоширати одамон ва пайвандгари риштаҳои дӯстӣ ва бародарии тамоми халқҳои сокини Тоҷикистон аст, зеро Конститутсияи (Сарқонуни) Тоҷикистон танҳо ба забони тоҷикӣ ҳуқуқи забони давлатиро додааст. Аз ин рӯ, мо чун сокини ин кишвар ва як шахси ватандор вазифадорем, ки ин нуктаҳои конститутсиониро дар бораи амали забони давлатӣ бечунучаро иҷро намоем.

Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талабу дархости тоҷикистониён 22 июли соли 1989 дар иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва он ба забони тоҷикӣ ҳамчун лисони аксари сокинони ҷумҳурӣ ва забони ҳамноми ҷумҳурӣ мақоми давлатӣ дод.

Онҳое, ки ба ин амали хайр даст заданд, нағз медонистанд, ки забони тоҷикӣ аз забонҳои тавоно ва соҳибхати дунёст, ки ҳанӯз дар асри даҳ, дар аҳди Сомониён, бе қабули қонуни забон ё чорабиниҳои сиёсии дигар танҳо аз рӯйи иродаи устувор ва сатҳи баланди худшиносии амирони сомонӣ ба мақоми давлатӣ соҳиб шуда буд. Садҳо асарҳои назмию насрӣ ба ин забон таълиф шудаанд, ки эътибори онро баробари забонҳои машҳури асрҳои миёна чун забонҳои лотинию арабӣ бардоштаанд. Барои касе пинҳон нест, ки забони тоҷикӣ дар давоми чандин аср аз канораҳои баҳри

Миёназамин то баландиҳои Ҳиндукуш, аз кӯҳсори Кавказ то халиҷи Форс барои бисёр халқҳои қитъаи Осиё забони давлатдорӣ ва муошират ҳисоб мешуд.

Баъди Инқилоби Бухоро (1920) пас аз табартақсими маъмурию ҳудудӣ дар Осиёи Миёна маҳз ба шарофати мавҷудияти забони тоҷикӣ, ки яке аз нишонаҳои давлат аст, дар як гӯшаи кӯҳистони Бухорои Шарқӣ соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон дар ҳайати Ҷ Ш С Ӯзбекистон ва соли 1929 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Дар тӯли таърих аҷнабиёне, ки ба кишвари мо дастдарозӣ кардаанд, пеш аз ҳама барои аз байн бурдани забони тоҷикӣ чораю тадбир андешиданд, вале на юнонӣ, на арабу турку муғул ин забонро аз байн бурда натавонистанд. Дар солҳои мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ ҳам тадриҷан забони тоҷикӣ аз даҳони воломақомон афтод, дар чор девори хона маҳдуд шуда монд, ҷойи онро забони русӣ танг карда гирифт. Маҳз қабули Қонуни забон ба ин амали номатлуб хотима гузошт, вале раванди татбиқи Қонуни забон ба монеаҳои сахт дучор мешуд.

Танҳо бо дамидани субҳи истиқлол ва махсусан баъди ба сар қудрат омадани фарзанди бошарафи халқи тоҷик, Президент кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Э.Ш.Раҳмонов ба даҳон даъвогароне, ки дар Тоҷикистон дузабонию сезабонӣ ҷорӣ кардан буданд, мӯҳри хомӯшӣ зада шуд. Номбурда дар тамоми баромадҳояш ба масъалаи забон дахл намуда, ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ва ҳар як инсони бедордилро таъкид менамоянд, ки забони давлатиро омӯзанд, барои рушду такомули он кӯшиш намоянд, зеро ҳанӯз ҳам дар чашми мо ҳар рӯз носуфтагиҳои зиёди забонӣ вомехӯранд, ҳанӯз ҳам баъзе зиёиёни мо ба забони тоҷикӣ андеша рондан ва сухан карданро наомӯхтаанд, ҳанӯз ҳам забони аксари мардум камбағал буда, баъзеҳо аз омӯхтани забони модарӣ ор мекунанд.

Бачаҳои азиз! Илоҳо, забонатон бурро, фикратон расо ва умратон чун забони тоҷикӣ бобақо бошад!

## Луғат:

**лисон** - забон,
**бақои миллат**-дарозумрии миллат,
**эътибор**-шаън, шараф, обрӯ,
**муошират**-муносибат, робита, алоқа,
**дар масири**-дар тӯли, дар давоми,
**тадриҷан**-оҳиста-оҳиста,
**воломақом**-болонишин, сардор, роҳбар,
**кунунӣ**-ҳозира,
**такомул**-такмил, рушду нумӯъ,
**зиёй**-равшанфикр,
**ба даҳон мӯҳри хамӯшӣ задан**-даъвои касеро ботил сохтан.

## Савол ва супориш:

1. *Кадом ҳуҷҷат ба забони тоҷикӣ ҳуқуқи забони давлатиро додааст?*
2. *Забон ва миллат чӣ муносибат доранд?*
3. *Чаро забони тоҷикиро дар ҷумҳурӣ чун пайвандгари дӯстӣ ва бародарии тамоми тоҷикистониён меноманд?*
4. *Қонуни забон дар Тоҷикистон кай қабул гардид ва аҳамияти он дар чист?*
5. *Хизмати Давлати Сомониён дар ташаккули забони тоҷикӣ дар чист?*
6. *Аз харитаи олам баҳри Миёназамин, кӯҳҳои Ҳиндукуш, давлатҳою кӯҳҳои Кавказ ва халиҷи Форсро нишон диҳед.*
7. *Забони тоҷикӣ дар ташаккули Тоҷикистон чун Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ ва давлати мустақил чӣ мақомеро соҳиб аст?*
8. *Чаро кӯшишҳои аҷнабиён барои несткунии забони мо барабас рафтанд?*
9. *Дар инкишофи забони тоҷикӣ Президенти кунунии мамлакат Э.Ш.Раҳмонов чӣ нақше дорад?*
10. *Дар айни ҳол дар татбиқи Қонуни забон ягон монеа ҳаст?*

Дарсҳои 23-24

# ТАЪКИДҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН Э.Ш.РАҲМОНОВ ДАР СИТОИШИ ЗАБОН

1. Забон омили асосии рушду камолоти миллат аст.
2. Ифтихори ватандорӣ аз донистани таърихи Ватан, забон ва фарҳанги миллӣ сарчашма мегирад.
3. Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст.
4. Забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллист.
5. Мо пеш аз ҳама барои рушди забони давлатӣ тадбирҳои лозимӣ андешида, танҳо дар ҳамин замина омӯзиши забонҳои хориҷӣ, хусусан забонҳои русӣ ва англисиро вусъат медиҳем.
6. Халқҳое дар ҷаҳон кам нестанд, ки бар асари фоҷеаҳои таърихӣ аз забони худ пуштибонӣ карда натавонистаанд, табдили забон кардаанд ва аз забони аслии худ маҳрум гаштаанд.
7. Забони тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ ва дунё волотарин меросест, ки аз ҳазорсолаҳои дур чун дурдонаҳои пок то давлати соҳибистиқлоли тоҷикон омада расидааст.
8. Забону фарҳанги мо нигоҳбони миллатамон будааст.
9. Халқ, давлат дар он вақт зинда мемонад, ки миллату забонаш зинда бошад.
10. Забон рукни асосии миллат ва давлат аст.
11. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд.
12. Забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд.
13. Забони ҳар миллат ёдгории азизест, ки решаи он аз сарчашмаи чандин наслҳои нажоди ӯ об хӯрда, мояи ифтихору худшиносии наслҳои баъдина мегардад.
14. Тоҷикистон остони муҳаббату дилгармии ҳамаи онҳоест, ки

моҳияти забони шоирона ва башардӯстонаи моро медонанд.

15. Забон барҷастатарин ва гӯётарин поя, шиносномa ва нишони бақои ҳар як халқу миллат аст.
16. Забон хишти аввалини кохи миллат аст.
17. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллӣ аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллии худро аз даст дода, оқибат завол меёбад.
18. Ифтихор аз Ватан, ифтихор аз таъриху фарҳанг, ифтихор аз ҳуввияти миллӣ ва гузаштагони сарбаланди хеш маҳз аз поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ сар мешавад.
19. Ҳамчунин номи тоҷик ҳам таърихи ғанию рангин дорад ва дар набардҳо баҳри ҳифзи ҳастии худ бо забонҳои бегона ҳамеша пирӯз мондааст.
20. Забони тоҷикӣ на фақат гавҳари ҳастии миллати мо, балки нишонаи барҷастаи фарҳанги қадимӣ ва камолоти он аст.
21. Забони тоҷикӣ омили муҳими якдигарфаҳмии одамон ва пайванддиҳандаи риштаҳои дӯстӣ ва бародарии халқҳост.
22. Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик аз қаъри асрҳо то имрӯз симои миллии худро пеш аз ҳама тавассути фарҳанг нигоҳ доштааст, забони миллии худро ҳифз кардаву густариш додааст ва дар байни халқу миллатҳои дигар соҳиби нуфузу эътибор гаштааст.
23. Лафзи модарӣ муқаддас аст ва онро азизу гиромӣ бояд дошт.
24. Забон моли халқ, мероси миллат ва сармояи маънавии давлати соҳибистиқлол аст.
25. Ба масъалаи забони модарӣ ҳамчун ба арзиши волотарин ва бунёдии миллат муносибат намоед.
26. Забони шевои модарӣ ва шеъру каломи оламгири гузаштагонро бояд пос дорем.
27. Мо бояд ифтихор аз он дошта бошем, ки соҳиби чунин забони ширину гӯшнавози қадимӣ ва пурғановат, забони илм ва шеъру адаби оламгир ҳастем. Бояд ба қадри он расем, меҳрашро бо шири модар ба қалби фарзандонам ҷо кунем ва ин анъанаро

аз насл ба насл идома диҳем, то забони нави ноби тоҷикӣ умри ҷовидона ёбад.

28. Ба қадри тамаддуну арзишҳои фарҳангӣ, забони миллӣ ва шеъру сухани оламгири ниёгон бирасем.
29. Забон дар ҳақиқат асоси ҳастӣ ва бақои умри миллат аст.
30. Таърих гувоҳ аст, ки баъди гум кардани забони модарӣ миллат низ дер ё зуд тафаккур, ифтихор ва ҳатто давлату давлатдории миллии худро аз даст дода, забон ва унсурҳои фарҳанги бегонаро мепазирад.
31. Мо агар қадру манзалати Ватан, миллат ва забони худро ба таври амиқ дарк насозем, зарурати густариши худшиносию худогоҳӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти Тоҷикистонро пайваста таъкид накунем, амнияти миллӣ ва рушди иқтисодиву фарҳангиро таъмин карда наметавонем.
32. Миллати фарҳангпарвари тоҷик беҳтарин арзишҳои тамаддуни башарии Шарқу Ғарбро истифода намуда, дар айни ҳол таърих, фарҳанг, забон ва маънавиёти бисёрҳазорсолаи худро пос медорад.
33. Забони тоҷикии форсӣ бо фасоҳату балоғаташ асрҳо боз оламиёнро дар ҳайрат гузоштааст.
34. Забони классикии порсии дарӣ, яъне тоҷикӣ, ки дар заминаи забонҳои авастоӣ ва паҳлавӣ ба вуҷуд омадааст, минбаъд бояд яке аз забонҳои тамаддуни ҷаҳонӣ гардад.
35. Забони тоҷикӣ дар гирудорҳои шадид ва тохтутозҳои бераҳмонаи аҷнабиёни истилогар на танҳо ҳастӣ ва покии худро нигоҳ дошта тавонист, балки ғосибонро маҷбур кард, ки онро ҳамчун забони девону дафтар ва давлатдории хеш қабул намоянд.
36. Дар замони шӯравӣ низ забони тоҷикӣ бо кӯшиши шахсиятҳои фидокори илмиву адабӣ бузургиву асолати худро нигоҳ дошт ва ба миллат хизмат кард.
37. Дар асри бисту як – дар замони ҷаҳонишавии босуръати проблемаҳои башарӣ низ, ки аз рӯйи пешгӯиҳои олимон

эҳтимоли маҳвшавии тақрибан дусад забони хурди олам вуҷуд дорад, забони тоҷикӣ бояд пойдории таърихии худро ҳифз карда тавонад.

38. Поку беолоиш нигоҳ доштани забон ва асолату шевоии онро ҳифз кардан қарзи фарзандии ҳар яки мову шумост.

### Савол ва супориш:

1. *Чаро забонро омили асосии рушду камоли миллат меноманд?*
2. *Магар забондонӣ низ ифтихори ватандорӣ ҳисоб меёбад?*
3. *Чаро забон дар паноҳи давлат будааст?*
4. *Барои чӣ давлат дар паноҳи забон амал мекардааст?*
5. *Робитаи забон бо миллат ва давлатдории миллӣ дар чӣ зоҳир мегардад?*
6. *Чаро Президенти мамлакат Э.Ш.Раҳмонов омӯзиши забонҳои хориҷиро дар заминаи забони давлатӣ ба роҳ монданӣ аст?*
7. *Кадом фоҷеаҳои таърихӣ ба мавҷудияти забони тоҷикӣ таҳдид кардааст? Оё аҷнабиён ба мақсади худ расиданд?*
8. *Чаро Сарвари давлат забони тоҷикиро мероси волои аҷдодон номидааст?*
9. *Тамоми ситоишномаи Президентро дар васфи забон аз ёд намуда, дар мавзӯи «Ситоишномаи забони тоҷикӣ» иншои мухтасар нависед.*

**Дарси 25**

## ДАСТУР БАРОИ СОҲИБЗАБОНОН

*(Аз «Азизномаи Лутф»)*

Азизон, забони тоҷикӣ, ки худ ширину гуворост, муҳити тоза, оромию осудагиро мепарварад. Лаҳни форамро гӯши шунавою тоза, муҳити гуворо мебояд, ҳам гӯянда ва ҳам шунавандаи ин забон бояд одамони поку покиза, орӣ аз ҳар гуна фиску фуҷур бошанд.

Азизон, забонро нигоҳ доред, ки ба қавле, посбони сар аст.

Азизон, сухандон бошед, вале дониста, бомаврид, кӯтоҳ ва баандеша сухан гӯед.

Азизон, аз он рӯзе, ки Парвардигор ба инсон забони гӯё ато намуд, одамон ба васфу таҳқиру таҳдиду таъдиди якдигар пардохтанд. Яке дигареро болои зин бароварду гоҳе зери зин фуровард. Забон нерӯест, ки одамро ҳам ба хоки сиёҳ яксон мекунаду ҳам зинда. Забон қудрате дорад, ки одамро аз марг наҷот диҳад.

Азизон, ду чиз аст, ки агар эҳтиёт накунем, балои азим ё душмани ҷон мегардад: яке нафси шум, дигаре забони сурх.

Азизон, ба қавли Саъдии бузургвор якро сад магӯед, садро як гӯед.

Азизон, иддае ҳазор сухан гӯянд ҳам кам аст, дигаре як сухан гӯяд, зиёд аст.

Модарони азиз, забони шумо мисли шири сафедатон пок ва беолоиш аст. Намеарзад, ки ин гуна забонро бо дуою дашном ва алфози қабеҳ биолоед.

Азизон, забони шумо ширину гуворост, агар аз ғайбату бӯҳтону дашному носазо орӣ бошед.

Азизон, забони худро, ки беҳтарин ганҷинаи инсонист, бо шакар омезед, на бо заҳр.

Азизон, дар робита бо ҳифз, омӯхтан ва донистани забони модариамон таъкид карданиам, ки:

-аввал ҳамаамон забони модариамонро ва пеш аз ҳама забони адабиро, ки забони коргузорӣ, илму адаб, мактабу маориф, табъу нашр аст, омӯзем ва донем;

-дар муқоиса бо забони модариамон аз омӯхтани забонҳои дигар, махсусан забонҳои русӣ, англисӣ, немисӣ, арабӣ сар мапечем;

-забони модарии худро байни забонҳои дигар ҳақиру нотавон муаррифӣ накунем, балки заковат, равонӣ ва имкониятҳои васеи онро дар муомилаю муносибат, илму фарҳанг, ифодаи фикр собит намоем;

-аз забони ноб ва равони тоҷикӣ ифтихор намоем, шарафи онро,

ки на камтар аз шарафи миллат аст, ҳифз бикунем, парчами забонамонро баланд бардорем, ки пайваста бо шири модар омада.

### Луғат:

**лаҳн**-забон, садо,
**орӣ**-холӣ,
**азим**-калон, бузург,
**алфоз**-лафз, сухан,
**аллома**-унвони баландтарин, ифодакунандаи илму дониши шахс, олим.
**махлут**-омехта,
**мусаххар кардан**-тасхир кардан, ба вуҷд овардан.

### Савол ва супориш:

1. *Муаллиф кадом талаботҳоро ба гӯяндаву шунавандаи забони тоҷикӣ пеш гузоштааст?*
2. *Андарзи дуюм моро ба чӣ водор мекунад?*
3. *Чаро забонро посбони сар гуфтаанд?*
4. *Кадом талабот ба сухангӯӣ пешниҳод шудааст?*
5. *Қудрати забон дар чӣ зоҳир мегардад?*
6. *Аз чеҳраи ҳамдарсонатон оё шумо покии дилу забони онҳоро хонда метавонед?*
7. *Магар аз сухани гӯянда мо ақлу дониш ва фаросати ӯро фаҳмида метавонем?*
8. *Ғайбату бӯҳтон — душмани забон. Чаро ин тавр?*
9. *Забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ дар кадом давлатҳо забони давлатианд?*
10. *Талаботҳоеро, ки оид ба ҳифз, омӯхтан ва донистани забони модарӣ устод Лутф пешниҳод кардааст, шарҳ диҳед.*
11. *Забони тоҷикӣ чаро ҳатто дар тӯли ҳазор соли бедавлатии тоҷикон аз байн нарафт?*

## Дарсҳои 26-30

# ҶАШНҲОИ МИЛЛИИ ВАТАНИ МО

## Дарси 26

# ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашнҳои миллӣ хеле хотирмон ва бо шукӯҳу шаҳомати хоса мегузаранд. Махсусан ҷашнҳои рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябр), 21-22 март — иди Наврӯз, 27 июн — Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 22 июл — рӯзи қабули Қонуни забон хеле бо шавқу завқи бепоён таҷлил мегарданд. Дар байни ин ҷашнҳои миллӣ ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳар сол рӯзи 9 - сентябр қайд карда мешавад, мавқеи махсус дорад, зеро Истиқлолият орзуву омоли мардуми тоҷик буд. Тоҷикистон баъди даҳ асри бедавлатӣ соли 1924 (14 октябр) ҳамчун Ҷумҳурии худмухтор дар ҳайати Ӯзбекистон таъсис гашт. Маҳз орзуи истиқлолият ва ҷонфидоии фарзандони фарзонаи миллат буд, ки Тоҷикистон соли 1929 (16 октябр) ба ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ табдил ёфт. Бо пош хӯрдани давлати бузурги шӯравӣ Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии комилро соҳиб гардид. Халқи тоҷик баъди зиёда аз ҳазор сол аз нав соҳиби давлати мустақили миллӣ гардида, мақому манзалати махсус пайдо намуд, ки барои тоҷикон ин воқеаи фараҳбахш ва бузург буд.

Бо фарорасии фазои мустақили сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ вазифаҳои мо — ватандорон афзун гардид. Тоҷикистон, ки ба сӯйи ҷомеаи демокративу дунявӣ қадамҳои устувор мениҳад, бе ваҳдати ақлу амали ҳар як сокини худ наметавонад аз ин имтиҳони ҷиддии таърих гузарад. Инкишофи замони ҳозира ба кашфи техникаи нав, ихтироот, заҳмату талош, робита бо давлатҳои пешрафтаи дунё ниёз дорад.

Ҳоло ки Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ чун кишвари озод эътироф кардааст, мо – шаҳрвандони он бояд мисли ангуштони як даст, шохобҳои як рӯд, гулҳои як боғ, фарзандони як модар амал намуда, дар бунёди Тоҷикистони навин саҳм бигузорем ва бо исми миллат ифтихор кунем.

Мову Шумо метавонем, танҳо бо хониши хубу аъло, бо нерӯи ақлонӣ ва ҷисмонии худ истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ҳифз намоем ва дар пайи ободии Ватан бошем.

### Луғат:

**манзалат**-мавқеъ, қадру қиммат.
**исм**-ном,
**нерӯ**-қувва.

## ТОҶИКИСТОН

*Саидалӣ Маъмур*

*Тоҷикистон, мулки озодам,*
*Кишвари пурфайзу ободам.*
*Ҷашни истиқлол дорӣ ту,*
*Ман зи истиқбол дилшодам.*

*Иди озодӣ муборак бод,*
*Файзу ободӣ муборак бод!*

*Субҳи фардоят дурахшон аст,*
*Парчами бахтат парафшон аст.*
*Бо суруду бо нишони ту,*
*Мардумат фирӯзи даврон аст.*

*Иди озодӣ муборак бод,*
*Файзу ободӣ муборак бод!*

*Ваҳдати мо шуд шиори мо,*
*Пояи авҷу барори мо.*
*Ҳамчу бахти сабзи мо доим*
*Бехазон бош, эй диёри мо.*

*Иди озодӣ муборак бод,*
*Файзу ободӣ муборак бод!*

## Луғат:

**парчам**- байрақ
**ваҳдат** –ягонагӣ

## Савол ва супориш:

1. *Кадом ҷашнҳои миллиамонро медонед?*
2. *Тоҷикистон аз кай ҳамчун ҷумҳурии худмухтор ва Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ таъсис ёфт?*
3. *Истиқлолияти давлатӣ чист?*
4. *Тоҷикистон чӣ тавр давлати мустақил ва соҳибистиқлол гардид?*
5. *Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз кай ҷашн мегиранд?*
6. *Ту вазифаи худро чун як ватандор дар чӣ мебинӣ? Бо кадом кору амалат истиқлолияти Тоҷикистонро ҳифз мекунӣ?*
7. *Шеъри С.Маъмур «Тоҷикистон»-ро азёд кунед.*

Дарси 27

# ДУШАНБЕ — ПОЙТАХТИ ВАТАНИ МО



Душанбе шаҳри калонтарини ҷумҳурӣ буда, маркази илму фарҳанги тоҷикон ва пойтахти Тоҷикистон аст. Ин шаҳри зебову дилоро соли 1924 баъди тақсимоти миллии марзӣ ба вуҷуд омад. Халқҳои Осиёи Миёна ба давлатҳои хурд тақсим гаштанд ва пойтахти тоҷиконро аз Бухоро ба деҳаи хурди кӯҳистон — Душанбе кӯчониданд. Онро маркази Тоҷикистон эълон намуданд.

Халқи тоҷик ҳама чун як ҷону тан барои ободии Душанбеи азизаш камар баст. Дар як муддати кӯтоҳ Душанбе ба як шаҳри бузург табдил ёфт. Соли 1929 баъди ҳафтумин ҷумҳурии иттифоқӣ номида шудани Тоҷикистон Душанбе номи Сталинободро гирифт. Соли 1961 боз номи аввалааш барқарор шуд.

Душанбе дар давоми мавҷудияти худ хеле тез тараққӣ карда пеш рафт. Хонаҳои серошёна, қасру толорҳои боҳашамат, театр, биноҳои маъмурию фарҳангӣ ҳусни шаҳрро як бар сад афзун сохтанд.

Дар оғӯши ин шаҳри зебо намояндагони миллатҳои гуногун дӯстона ҳаёт ба сар мебаранд ва якҷоя барои ободии диёр саҳм мегузоранд. Маҳз бо заҳмату талошҳои ин мардони меҳнат Душанберо ҷаҳониён чун шаҳри дилоро эътироф кардаанд:

*Аҷаб шаҳри дилороӣ, Душанбе,*
*Хаёлам зеби дунёӣ, Душанбе.*

*(Боқӣ Раҳимзода)*

Имрӯз масъулияти сокинони шаҳри Душанбе чун дили Ватани мо бештар меафзояд. Ҳамаи мову Шуморо зарур аст, ки ба қадри сарватҳои пойтахт ва моликияти давлатӣ — об, фазо, барқ, боғу дарахтзор, гулбоғу чаманзор, роҳ, нақлиёт, муҷассамаҳои бузургон, оромгоҳ, зиёратгоҳҳо расида, дар ин шаҳри биҳиштосо чароғи меҳру вафо ва сидқу сафоро фурӯзон нигоҳ дорем.

Душанбе хонаи умеди ҳамаи тоҷикони дунё, макони бахту иқбол, хазинаи илму дониш ва сарфарозиҳои мост:

*Шаҳри паймони ман, Душанбе,*
*Фахри даврони ман, Душанбе.*
*Пояи ваҳдати тоҷикон,*
*Дар дилу ҷони ман, Душанбе.*

*(Саидалӣ Маъмур)*

## Савол ва супориш:

1. *Душанбе аз кай пойтахти Тоҷикистон аст?*
2. *Аз кай Душанберо Сталинобод номиданд?*
3. *Номи аввалаи пойтахти Тоҷикистон — Душанбе кадом вақт дубора барқарор шуд?*
4. *Ту чун сокини Тоҷикистон бояд масъулияти шаҳрдориро чӣ гуна ба дӯш дошта бошӣ?*
5. *Чаро Душанберо хонаи умеди тамоми тоҷикони дунё меноманд?*
6. *Дар мавзӯи «Дили Ватани мо» иншо нависед.*
7. *Шеърҳои дар матн бударо азёд кунед.*

**Дарси 28**

# ЧАРОҒИ ЗИНДАГӢ



Тобистон. Ҳаво тафсидааст. Парранда дар осмон параш, чаранда дар замин পояш месӯзад. Кӯдакон ҷӯй, дарё ва фавворахоро иҷора гирифтаанд.

Чор тан аз чор сӯйи Душанбешаҳр дар сояи зарбеди лаби ҷӯй нишастаанд. Яке аз самти шарқӣ, дигаре аз самти ғарбӣ, сеюмӣ аз самти ҷанубӣ ва чорумӣ аз самти шимолии шаҳр.

Аввалӣ мегӯяд: Душанбе ҳам дил асту ҳам дида. Вай нигин аст дар водии Ҳисори Шодмон. Махсусан самти шарқии он дилрабост. Бозори Шоҳмансур дар ҳамин самт воқеъ гардидааст. Аз ин самт шоҳроҳи Душанбе-Кӯлоб, Душанбе-Хоруғ, Душанбе-Рашт ибтидо мегирад. Офтоб ҳам аз ҳамин самт сар мешавад.

Дуввумӣ мегӯяд: «Маъқул, вале самти ғарбии шаҳри азизамон боз ҳам зеботар аст. Маҳаллаи ободу зебои 82, хиёбони Исмоили Сомонӣ. Қасру биноҳои маҳаллаи Испечак қомат афрохтаанд. Офтоб паси ҳамин самт ғуруб мекунад.

Сеюмӣ мегӯяд: «Шоҳроҳи Душанбе — водии Вахш аз самти ҷануби шаҳрамон оғоз мeёбад. Бозорҳои Султони Кабир, Ганҷина ва Корвон ба одамон ризқу рӯзӣ мебахшанд. Хиёбони Неъмат Қарабоев ҳамто надорад».

Чорумӣ, ки то ин вақт хомӯш нишаста буд, сар боло мекунад ва мегӯяд: «Таҳсин ба шумоён. Ҳақиқатан ҳам самтҳои шарқу ғарб ва ҷануби Душанбешаҳрамон ҳар рӯз рангу бӯйи тоза мегиранд. Аммо, ҷанобон, бигӯед, ки ҳамин ҳоло мо дар кадом самт нишастаем, аз гармии офтоби сӯзону ҳавои тафсон дар куҷо панаҳ бурдаем?»

-Чӣ хел дар куҷо?-якбора мепурсанд он се тан ва худ ҷавоб

медиҳанд: «Дар самти шимоли шаҳрамон. Ин ҷӯй аз ҳамин самт ҷорист».

-Офарин, дӯстон. Ин аст самти шимоли шаҳрамон. Ман аз донишгоҳҳою хиёбонҳои он, боғу гулгаштҳои он, одамони наҷибу некхоҳи он ҳарф намезанам. Танҳо ҳаминро мегӯям, самти шимоли Душанбешаҳри дилорои мо аз дараи арӯсон — Варзоб оғоз меёбад ва дар ин самт даҳҳо хиёбону кӯчаҳо, шаҳраку маҳаллаҳо воқеъ гардидаанд, ки ҳазорон ҳазор одамон машғули кор ва дилбастагие ба зиндагӣ доранд.

Намедонам, ҳукми тақдир буд ё зулми замона, ки 2700 сол пеш чор тан аз чор сӯйи Ватани паҳновари бобоиямон дар як гӯшаи мулке ба ҳам вохӯрданд. Чун онҳо моҳҳо ва рӯзҳо сафар мекарданд, аз ҳад зиёд хаста ва шалпар шуда буданд, тани афсурдаи худро зери дарахти азими чормағзе гирифтанд, ғанаб рафтанд. Насими фораме, ки аз Варзобдара мевазид, ба тани хастагон рӯҳи тоза мебахшид. Дарёи Варзоб алла мегуфт.

Субҳи барвақт чашми рӯз накафида бедор шуданд ва аз ҳолу аҳвол ва касбу шуғли ҳамдигар воқиф гардиданд: чармгар, заргар, барзгар ва оҳангар. Мавзеъ маъқул шуд. Паҳлуи ҳамдигар кулбаҳо сохтанд, чароғи зиндагӣ фурӯзон карданд.

Ва инак, 2700 сол аст, ки ин чароғ фурӯзон аст ва аз насл ба насл мегузарад, фурӯзонтар мегардад. Вобаста ба вазъи сиёсию иқтисодӣ замоне паст ва замоне ҳам баланд мешавад чароғ.

Оҳангар оҳангарӣ мекард, асбобу олоти рӯзгор месохт: бел, каланд, дост, корд, теша, табар, кафгир, пойи аспонро наъл мезад. Заргар асбобҳои зебу зиннат месохт: гӯшвор, ҳалқа, мӯҳра, ангуштарӣ, даспонаву бозубанд.

Чармгар ба чарм машғул буд: зин, тасма, ғилоф, нӯхта месохт. Барзгар деҳқонӣ мекард. Ҷуфти гов дошт. Ҷав, гандум, арзан,зағир мекошт. Болои маҳалла заминҳое буданд васеъ, ҳамвор, ҳосилхез. Деҳқонию барзгарӣ кори умум ва ҳама буд: заргару оҳангару чармгар деҳқонӣ ҳам мекарданд.

Он замонҳо Душанбе шаҳр набуд, аммо серодам буд. Намедонам аз чӣ бошад, ки ҳар ҳафта рӯзи Душанбе одамони гирду атроф аз

Ҳисори Шодмону Кофарниҳон, Файзободу Андигону Варзоб, Нораку Данғара пиёдаю аспакию харакӣ ба Душанбе меомаданд. Бозор мееростанд. Шояд аз ин сабаб буд, ки дар гузашта рӯзи душанбе мобайни ҳафта қарор дошт. Се рӯзи аввал — ҷумъа, шанбе, якшанбе, се рӯзи дуюм — сешанбе, чоршанбе, панҷшанбе ва дар мобайн душанбе. Се рӯз кор мекарданд, як рӯз истироҳат ва боз се рӯз кор.

Заргар дар санъати худ ҳамто надошт. Ҳалқаю гӯшвораҳояш дар ҷаҳон машҳур шуда буданд. Одамон аз дуру наздик хонаи заргарро суроғ мекарданд. Мардон барои бонувон, ҷавонон барои арӯсониояндаашон ҷавоҳирот мехариданд. Солҳо гузаштанд. Аз ибораи хонаи заргар маҳаллаи Заргар пайдо шуд.

*(М.Лутф)*

## Савол ва супориш:

1. *Мӯҳтавои сӯҳбати чорнафаронро нақл кунед.*
2. *Шаҳру ноҳияҳоеро, ки дар атрофи Душанбешаҳр ҷойгир шудаанд, номбар кунед.*
3. *Харитаи тахминии мавқеи ҷойгиршавии шаҳри Душанберо кашед. Роҳҳои даромад ба пойтахтро аз шарқу ғарб ва ҷанубу шимол шарҳ диҳед.*
4. *Душанбе 2700 сол пеш чӣ гуна бунёд ёфт?*
5. *Оид ба касбҳои чармгарӣ, заргарӣ, барзгарӣ ва оҳангарӣ маълумот диҳед. Кадом муродифҳои (синонимҳои) калимаҳои чармгар, заргар, барзгар ва оҳангарро медонед?*
6. *Таркиби «Дарёи Варзоб алла мегуфт» чӣ маъно дорад?*
7. *Муродифи таъбири «чашми рӯз накафида»-ро ба дафтаратон нависед.*
8. *Оҳангар кадом асбобҳоро месохт?*
9. *Заргар кадом асбобҳои зебу зинат месохт?*
10. *Барзгар кадом зироатҳоро мекошт?*
11. *Чармгар чӣ медӯхт?*
12. *Дар хона оид ба хусусиятҳои яке аз ин пешаҳо: заргар, чармгар, барзгар ва оҳангар иншои мухтасар нависед.*

**Дарси 29**

# ШАҲРҲОИ ДИГАРИ ВАТАНИ МО.

## ҚӮРҒОНТЕППА



Қӯрғонтеппа яке аз шаҳрҳои калони Тоҷикистон ва маркази вилояти Хатлон мебошад. Ин шаҳр соли 1926 таъсис ёфтааст. Он дар соҳили чапи дарёи Вахш дар баландии 428 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гаштааст. Ҳарорати ҳаво дар ин шаҳр дар зимистон тахминан 0,9°С ва дар моҳи июл 28,9°С аст. Масофаи байни Қӯрғонтеппа ва шаҳри Душанбе 99 километр аст. Қӯрғонтеппа маркази муҳими саноатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, дорои заводҳои трансформатор, таъмири механикӣ, пахта, нон, равған, консерв, шир, оби ҷав, комбинатҳои гӯшт, маҳсулоти ғаллагӣ, хизмати маишӣ, фабрикаҳои калобаресӣ, «Тоҷикатлас», «Дилоро», Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав, Донишкадаи давлатии энергетикӣ, коллеҷҳои тиббӣ, омӯзгорӣ ва омӯзишгоҳи касбҳои техникии рақами 9 мебошад.

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ Қӯрғонтеппа дар аҳди Кӯшониён (асрҳои 1-4) ба вуҷуд омада, Леваканд ном дошт. Наҳрҳои Ҷӯйбор ва Ҷӯйи Хонум ва теппаи Қӯрғон аз ҳамон асрҳо арзи вуҷуд доранд. Қӯрғонтеппа таърихи беш аз 2500- сола дорад.

Ҳоло шаҳри Қӯрғонтеппа аз беҳтарин шаҳрҳо буда, симои худро рӯз то рӯз зебову дилоро месозад.

# КӮЛОБ

Кӯлоб дар шумори яке аз қадимтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ маҳсуб аст. Сарчашмаҳои таърихӣ, бахусус ҳафриёти бостоншиносӣ собит сохтааст, ки ҳанӯз дар асри неолит (8-7 ҳазор сол то мелод) аҷдодони тоҷикон ин кӯҳандиёрро макони зисти худ ихтиёр кардаанд.




Имрӯз Кӯлоб яке аз шаҳрҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, аз ҷиҳати ҷойгиршавӣ дар сари роҳи бузурги абрешим мавқеи азими стратегиро молик буда, дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст.

Масоҳаташ 12,02 км² мебошад. Аҳолии Кӯлобшаҳр то соли 2000 78 ҳазор ва ноҳияи Кӯлоб 72 ҳазор нафарро ташкил мекард.

Кӯлоб табиат ва иқлими ба худ хос дошта, ҳавояш дар тобистон ниҳоят гарму хушк, дар зимистон начандон сард аст. Дар ин водӣ беш аз 30 намуди сарватҳои зеризаминӣ мавҷуд аст. Дар ин ҷо дарёҳои Яхсӯ ва Сурхоб аз кӯҳсорон сарчашма гирифта, оби фаровонро дар водӣ таъмин менамоянд.

Моҳи июни соли 2002 бо ташаббуси Президенти кишвар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баргузории ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб» ба тасвиб расид. Ин ҷашн моҳи сентябри соли 2006 дар сатҳи баланди сиёсиву фарҳангӣ таҷлил гардид.

Имрӯзҳо дар ҳамаи ҷабҳаҳои хоҷагии халқи шаҳр тағйироти куллӣ ба амал омада, ҳусни шаҳр зебо ва зиндагии мардум воло гардида истодааст.

## НОРАК



Шаҳри Норак аз соли 1960, аз бозе, ки ба сохтмони нерӯгоҳи барқии Норак оғоз карданд, таъсис ёфт. Сохтмони ин нерӯгоҳ то соли 1979 идома дошт. Дарёҳои Сурхобу Хингоб якҷоя шуда, дарёи Вахшро ташкил мекунанд. Сохтмончиён, ки аз тамоми халқҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ омада буданд, бо меҳнати аҳлона ва зарбдори худ пеши дарёи Вахшро бастанд ва нерӯгоҳи обии Норакро бунёд карданд, ки он дар Осиёи Миёна аз калонтаринҳост. Нерӯгоҳи барқии Норак бародарҳои худро низ дорад. Инҳо нерӯгоҳҳои барқии Бойғозӣ, ки аз соли 1985 ба истифода дода шудааст, ва нерӯгоҳҳои барқии Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2 мебошанд, ки сохтмони онҳо идома дорад.

Он рӯзҳо дур нестанд, ки ҳамаи силсиланерӯгоҳҳои барқӣ дар дарёи Вахш — Роғун, Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, Сарбанд, Шаршара, Марказӣ бо тамоми иқтидорашон пурра ба кор медароянд.

## ХУҶАНД

Хуҷанд ҳамчун шаҳр таърихи қадима дорад. Дар бораи Хуҷанд ҳамчун шаҳр ҳанӯз муаррихони Юнони қадим дар асрҳои 6-5-и то мелод маълумот додаанд, вале номи Хуҷанд дар маъхазҳои нимаи дуюми асри 7 ёд шудааст. Хуҷанд ба ҳайати давлати Ҳайтолиён дохил мешуд.

Хуҷанд чун дигар шаҳрҳои тоҷикнишин борҳо аз ҳуҷуми арабҳо, муғулҳои ғоратгар ва дигар аҷнабиён ғарқи хун гардидааст. Соли 1866 Хуҷанд ба ҳайати Русия ҳамроҳ карда шуд. Соли 1916 аҳолии



шаҳри Хуҷанд ба муқобили сиёсати мустамликадории ҳукумати подшоҳии Русия шӯриш бардоштанд. Шаҳри Хуҷанд баъди Инқилоби Октябр 9 январи соли 1936 таъсис ёфтааст.

Дар айни замон Хуҷанд маркази вилояти Суғд буда, яке аз дилоротарин ва дилработарин шаҳрҳост. Дар ин шаҳр марказҳои калонтарини саноатӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ қомат афрохта, ба ҳусни шаҳр ҳусну таровати тоза ато менамоянд. Бо шарофати истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ дар Хуҷанд муассисаҳои маориф, фарҳанг боз ҳам рушду нумӯъ ёфтанд, таълимгоҳҳои нави олию миёнаи махсус ва миёнаи умумӣ дари худро ба рӯйи толибилмон боз намудаанд.

## ХОРУҒ

Хоруғ дар қисмати ҷанубу ғарбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир шуда, шаҳрест, ки маркази ин вилояти дурдасти Тоҷикистон ҳисоб меёбад.



Шаҳри Хоруғ дар ҳарду соҳили дарёи Ғунд дар баландии 2200 метр аз сатҳи баҳр воқеъ гаштааст. Тобистонаш гарм ва зимистонаш хунуки мӯътадил аст.

Дар Хоруғ комбинатҳои дӯзандагӣ, гӯшту шир, заводи нон, фабрикаҳои дӯзандагӣ, комбинати